Тақризи
роҳбари илмӣ ба рисолаи номзадии Муродзода Мукаррамаи Рачабалӣ дар мавзуи «Ифодаи мафҳуми ҷинсият ва таҳаввулоти шаклию маъноии он дар забони адабии муосири тоҷикӣ», ки барои дарёфти дарачаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10. 02. 01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст.

Маълум аст, ки дар натичаи инкишофи забонҳои дунё дар ҳазорсолаҳои таърих забонҳои зиёде шаклан низ тағйир ёфтаанд, ки забони дарӣ-тоҷикӣ яке аз онҳост. Ин забон, ки дар аҳди хеле пешин забони фелективӣ буда, падеж ва ҷинсият барин категорияҳоро соҳиб будааст, имрӯз ҳамчун забони аналитикӣ аз ин мақулаҳо орист. Аммо ҷинсият, ки воқеияти ногузири табиист, дар забони тоҷикии имрӯз асосан бо роҳҳо ва воситаи луғавӣ ва калимасозӣ ифода меёбад. Ва, гуфтан бамавқест, ки ин гуна ифодаи мафҳуми ҷинсият ҳам танҳо дар исмҳои ҷондор, хосатан шахс, боқӣ мондааст. Вожаҳое, ки ба ҷинсият далолат мекунанд, аксаран сермаъноянд ва маъноҳои иловагии онҳо метавонанд тобишҳои мусбат ва гоҳе ҳам манфиро дар пай дошта бошанд, ки дар забоншиносии тоҷик то имрӯз мавриди таҳқиқи густурда қарор нагирифтааст. Рисолае, ки мавриди дифоъ қарор гирифтааст, маҳз ба ҳамин масъала, яъне ба таҳқиқи воситаҳои ифодаи мафҳуми ҷинсият, таҳаввули маъноӣ ва шакли вожаҳои ифодакунандаи ҷинсият, муносибатҳои маъноӣ ва бархӯрди соҳибони забон бо онҳо дар забони муосири тоҷикӣ бахшида шудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ки ҳар кадом дорои фасл ва зерфаслҳои муайян мебошанд, инчунин қисматҳои хулосаю натиҷагирӣ, пешниҳодот ва рӯйхати адабиёти илмию сачашмаҳои амалӣ таркиб ёфтааст.

Боби якуми кор «Тафсири мафҳумҳои ҷинсият, гендер ва гендершиносӣ» ном гирифта, дорои се фасл аст. Боб ҷанбаи назариявӣ дошта, масъалаҳои мафҳуми ҷинсият ва ифодаи он дар забони имрӯзаи тоҷикӣ, мушкилоти категорияи ҷинсият дар забоншиносии имрӯз, ҳаракати феминистӣ ва ташаккули забоншиносии феминистӣ, забоншиносии гендерӣ ва масъалаҳои баҳси онро мавриди баррасӣ қарор додааст. Масъалаҳои номбурда бо ҳамдигар алоқаи мантиқӣ дошта, муаллиф маводи зарурии илмии онро аз забоншиносии дохилӣ ва хориҷӣ дастрас намуда, омӯхта, тавонистааст, ки фикрҳои худро бо низоми мантиқӣ баён ва ҷобаҷо созад. Аз рӯйи муҳтавои боб маълум мегардад, ки мавзуи диссертатсия фақат ба баррасии масъалаҳои соҳаи луғатшиносӣ маҳдуд нагардида, то андозае ба решашиносӣ ва забоншиносии иҷтимоӣ низ дахл намудааст. Ва, ба назари мо, ин усул пурра асоси илмию мантиқӣ дорад.

Боби дувуми диссертатсия «Таҳаввулоти шаклӣ ва луғавию маъноии вожаҳои мансуб ба ҷинси мардона» номгузорӣ шуда, аз ду фасл иборат мебошад. Вожаҳои ифодакунандаи ҷинси мардонаро муаллиф ба ду қисмат ҷудо намудааст: хешовандӣ ва ғайрихешовандӣ. Диссертант

калимаҳои мазкурро аз лиҳози маншаъ, таҳаввулоти маъной, муносибатҳои гендерӣ ва сохтор мавриди таҳқиқ қарор дода, аз ҷумла қайд мекунад, ки аксари ин вожаҳо решаи форсии тоҷикӣ доранд, дар матни бадеӣ ба ғайр аз маъноҳои асосиашон боз ба маъноҳои маҷозию ғайримаҷозӣ кор фармуда шудаанд. Аксари чунин вожаҳо дар ифодаи маъноҳои иловагӣ тобишҳои мусбатро касб намудаанд ва ин қазияро М. Муродзода бо мисолҳои зиёде аз осори бадеӣ собит менамояд. Масалан, дар раванди пажӯҳиши вожаҳои падар, бародар, мард, бобо ва ғайраҳо ба маъноҳои «тавоной, садоқат, устувор дар ҳамаи ҳолатҳо, росткорӣ, ҳимоягарӣ» барин тобишҳои мусбат далолат намудани онҳоро тасбит кардааст.

Боби саввуми рисола «Калимаҳои ифодагари мафҳумҳои мансуб ба ҷинси занона, хусусиятҳои маъной ва шаклии онҳо» унвон гирифта, се фасл ва ду зерфаслро фаро гирифтааст. Бо риояи принсипи дар боби дувум истифодашуда Мукаррама Муродзода ин навъ вожаҳоро ҳам аввал аз ҷиҳати маншаъ ва сипас, аз рӯйи маъно, муносибатҳои маъной ва ҷанбаи гендерӣ таҳлил ва баррасӣ намудааст. Азбаски аксари ин бахши калимаҳо умумиистеъмоланд, сермаъно ҳам шудаанд, аммо билъакси вожаҳои ифодакунандаи ҷинсияти мардона бахше аз онҳо (зан, духтар, бева (-зан)) тобишҳои манфиро дар пай доранд. Муаллиф сабаби чунин бархӯрди соҳибони забон бо ин гуна вожаҳоро дар он мебинад, ки забони форсии бостон хусусияти мардсолорӣ ва занситезиро доштааст, ки таъсирашро то ба имрӯз боқӣ гузоштааст.

Умуман, аз кори илмии Муродзода М. чунин хулосаҳои мантиқии ба назари мо дурустро баровардан мумкин аст:

Вожаҳои мафҳуми хешутаборидошта аз рӯйи маншаъ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: а) аслии тоҷикӣ, ки хеле қадимаанд ва таҳаввулоти ҷиддии қиёфаи овозӣ, маъной ва луғавиро аз сар гузарондаанд, аммо то ба давраи имрӯза бо шаклаи умумидоштаашон расидаанд: модар, падар, бародар, хоҳар, эвар…; б) вожаҳои хешовандии иктибосӣ аз забонҳои арабию туркӣ, ки то қабул гардидани онҳо муодилҳои аслии форсӣ-тоҷикии онҳо чӣ гуна вожаҳо будаанд, мутаассифона, маълум нест: амак, амма, хола, таго, янга, қудо…

Дар муносибат ва бархӯрди ҷамъият ба онҳо калимаҳои «мард», «ҷавон», «пир» ва мисли онҳо, ки ба ҷинси мардона шомиланд, аз даврони хеле пеш маъноҳои мусбатро (далерӣ, шуҷоат, пойдорӣ, садоқат, ҷавонмардӣ, накукорӣ, ҳимоятгрӣ…) касб намудаанд ва вожаҳои ҷинси занона (зан, духтар, бева) маъноҳои манфии монанди «тарс, дурӯяғӣ, ноустуворӣ, ваъдахилофӣ, ғайбатчиғӣ, хабаркашӣ, лаққиғӣ…»-ро соҳиб шудаанд, ки имрӯз ҳам дар муоширату муносибати соҳибзабонон бо ҳамин маъноҳо ба кор бурда мешаванд ва маҳз бо ҳамин мазмунашон ба воситаи осори бадеӣ ба забони адабии муосири тоҷикӣ дохил гардидаанд.

Дар осори бадеии мансур, ки муошират, муносибат ва бархӯрди воқеии ҷамъиятро то андозае дар худ таҷассум мекунад, маъноҳои тобиши манфидоштаи вожаҳои хештаборӣ васеъ ба кор рафтааст, аммо

дар аксар фарҳангҳои тафсирӣ (ФЗТ, ФТЗТ, «Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ» …) ин маъноҳо зикр нагардидаанд. Ва сабаби зикр наёфтани чунин маъноҳои калимаҳои мавриди назарро Муродзода чунин тафсир медиҳад: «Дар осори манзум, ҳатто дар достонҳои ҳамосӣ ҳам, тобишҳои манфии калима ва истилоҳоти хешовандӣ ба кор нарафтаанд, аз ин ҷо, ба хулосае омадан мумкин аст, ки луғатнигорони тоҷик дар вақти тадвин намудани луғатномаю фарҳангҳо бештар ба осори манзум такя мекунанд. Чунин муносибат ба назари мо чандон дуруст нест, зеро дар забони зиндаи халқ вожаву таркибу таъбирҳое мавҷуданд, ки ҷойгузини иқтибосҳо шуда метавонанд ва онҳоро аз насри бадеии муосир пайдо намудан мумкин аст» [диссертатсия, 54].

Рисолаи илмии М. Муродзода таҳти унвони «Ифодаи мафҳуми ҷинсият ва таҳаввулоти шаклию маъноии он дар забони адабии муосири тоҷикӣ» баъди таҳриру таҷдид хеле суфтаю мукаммал гардида, ба назари мо, аз лиҳози таҳқиқи илмӣ, чамъоварии мавод аз сарчашмаҳои гуногуни илмӣ, гурӯҳбандӣ ва табақабандии онҳо, равиш ва усули таҳқиқ, натиҷагирӣ ва хулосаҳои дурусти илмӣ дар қатори беҳтарин таҳқиқотҳои солҳои охир дар бахши ҳимояи рисолаҳои номзадӣ меистад.

Дар баробари муваффақияту дастовардҳо дар диссертатсия ҳангоми таҳияи кори пажӯҳишии худ Муродзода Мукаррама шояд ба нуқсону камбудиҳо роҳ дода бошад, ки нишон додани онҳоро ба хотири беҳтар шудани кори минбаъдаи таҳқиқотии ӯ бар дӯши муқарризони расмию ғайрирасмӣ вогузор мекунем.

Инҷониб, ҳамчун роҳбари кори илмӣ, диссертатсияро кори илмии ба анҷомрасида ҳисоб карда, онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ба ҳимоя пешниҳод мекунем.

Дотсенти кафедраи забони
адабии муосири тоҷикии ДМТ,
номзади илмҳои филология: Музофиршоев М.

Имзои дотсент М. Музофиршоевро
тасдиқ мукунам.
Сардори РК ва КМ ДМТ: Тавқиев Э. Ш.

«26» 10 соли 2022